# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.5.-Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) (Душанбе, 2026)

Диссертатсияи Музафарзода Марҷонаи Шарифбег дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисоси 5.5.5.-Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мутобиқат мекунад.

Мавзуи кори мазкур ба номгуи Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2021 -2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2020 № 503 тасдиқ шудааст, ворид буда, ба банди нуҳуми он “масъалаҳои вобастаи ҳуқуқшиносӣ” мутобиқ аст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти давлат ва ҳуқуқи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» сурат гирифтааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Шарикии иҷтимоӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини рушди устувори соҳаи иҷтимоию меҳнатӣ ва таҳкими ҳамоҳангии ҷамъиятӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба шумор меравад. Он низоми ҳамкории давлат, корфармоён ва кормандонро дар бар мегирад, ки ба мувофиқсозии манфиатҳои тарафҳо, пешгирии муноқишаҳои меҳнатӣ ва баланд бардоштани самаранокии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ равона шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикии иҷтимоӣ ҳамчун шакли институтсионалии танзими ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Кодекси меҳнати Ҷумсҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидааст, ки асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии фаъолияти низоми шарикии иҷтимоиро муайян менамояд.

Бо вуҷуди мавҷуд будани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ ва фаҳмиши мазмуну мундариҷаи илмии он ҳануз ҳам мушкилотҳо зиёданд. Аз ҷумла, заминаҳои назариявии мафҳум, мазмун ва механизмҳои танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар фазои

ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммал нестанд, ки зарурати таҳлили амиқи илмӣ ва низомсозии мавқеъҳои субъектҳои асосии шарикии иҷтимоиро ба миён овардааст. Воқеиятҳои муосири ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла тағйирёбии қонунгузории меҳнат ва дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ баррасии меъёрҳои мавҷудаи ҳамкории субъектҳои шарикиии иҷтимоиро тақозо дорад. Низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз ҳам ба стандартҳои байналмилалӣ, хусусан ба меъёрҳои Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат пурра мутобиқ нашудааст, ки ин масъала коркарди асосҳои илмиро бо назардошти шароити рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамояд. Дар ҷараёни бастан ва иҷрои шартномаҳои коллективӣ, инчунин дар фаъолияти комиссияҳои сетарафаи шарикии иҷтимоӣ мушкилоти зиёди амалӣ дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасанд, ки таҳлили ҳам назариявӣ ва ҳам ҳуқуқтатбиқкуниро талаб мекунанд.

Муҳимияти таҳқиқот ҳамчунин аз зарурати мутобиқсозии низоми шарикии иҷтимоӣ ба раванди табдили рақамии иқтисод бармеояд. Иқтисоди рақамӣ муҳити муносибатҳои меҳнатиро низ ба таври куллӣ тағйир дода, шаклҳои нави ташкили меҳнат ва шуғлро ба вуҷуд оварда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди устувори иқтисодӣ ва ҳамгироӣ ба занҷираҳои глобалии арзиш саъй дорад, низ таҳти таъсири ин раванд қарор мегирад. Дар чунин шароит низоми анъанавии шарикии иҷтимоӣ, ки бар модели сеҷонибаи ҳамкории давлат, иттиҳодияҳои корфармоён ва иттифоқҳои касаба асос ёфтааст, бо зарурати мутобиқшавӣ ба шароитҳои нав рӯ ба рӯ мегардад. Бинобар ин, таҷдиди назар намудани вазифаҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ва мутобиқсозии фаъолиятҳои онҳо ба талаботи нав ногузир аст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло таҳқиқи масъалаҳои танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба рушди илми ҳуқуқи меҳнатӣ, таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ ва ташаккули муколамаи самараноки иҷтимоӣ байни давлат, корфармоён ва кормандон мусоидат менамояд.

Сохтори диссертатсияи Музафарзода М.Ш. аз лиҳози мантиқ ва муҳтавои мавзуи таҳқиқотӣ дуруст матраҳ шуда, аз муқаддима, 3 боб, 10 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули институти шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон» мафҳум, моҳият

ва мақомоти шарикии иҷтимоӣ, ташаккулёбии институти шарикии иҷтимоӣ, принсипҳо ва шаклҳои шарикии иҷтимоӣ таҳқиқ шудаанд. Муайян шудааст, ки дар адабиёти илмӣ ва амалия шарикии иҷтимоӣ ба маъноҳои гуногун шарҳ ёфтааст, масалан, ҳамчун ҳамагуна ҳамкорӣ – хоҳ ҳамкории дохиликорпоративӣ, ё хоҳ ҳамкории иҷтимоӣ бо дигар ташкилотҳо. Дар натиҷа мазмуни ҳақиқии шарикии иҷтимоӣ таҳриф, яъне ғалат маънидод мешавад. Аз ҷумла, ошкор шудааст, ки мафҳуми "шарикии иҷтимоӣ", ки дар моддаи 1 Кодекси меҳнати ҶТ оварда шудааст, мазмуни ҳуқуқии онро пурра ифода намекунад. Бинобар ин, муаллиф таҳрири мафҳуми "Шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат" пешниҳод намудааст, ки он барои таҳқиқоти илмӣ дар ин самт ва такмили қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад. Ҳамчунин дар ин боби кор хусусиятҳои фарқкунандаи муносибатҳои ҳуқуқии бахши шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат муайян шуда, хусусиятҳои ташаккули ин институти ҳуқуқи меҳнат ва предмети танзими он баррасӣ шудаанд. Пешниҳоди муаллиф дар хусуси ворид намудани принсипҳои иловагӣ: "принсипи таъмини ҳуқуқи кормандон ва корфармоён ба муттаҳидшавӣ барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ" ва "принсипи мусоидати давлат дар мустаҳкам намудан ва инкишоф додани шарикии иҷтимоӣ дар асоси демократӣ" ба номгуи принсипҳои асосии шарикии иҷтимоӣ дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили дастгирист.

Дар боби дуюм «Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ», масъалаҳои шарикии иҷтимоӣ дар санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ дар соҳаи шарикии иҷтимоӣ, шартномаҳои коллективӣ ва моҳияти онҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи локалӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Пешниҳоди муаллиф аз натиҷаи таҳқиқу баррасии масъалаи мазкур дар хусуси таҳия ва қабули Консепсияи рушди низоми шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат бо назардошти самтҳо ва равишҳои рушди муносибатҳои меҳнатию иҷтимоӣ қобили таваҷҷуҳи хоса мебошад. Ҳамчунин пешниҳоди муаллиф дар бораи ворид намудани иловаҳо ба қисми 1 моддаи 303 КМ ҶТ бо мақсади таъмини иштироки кормандон дар идоракунии ташкилот аҳамияти муҳими амалӣ дорад.

Дар таҳқиқот шартномаҳои коллективӣ ва моҳияти онҳо дар низоми шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи локалӣ мавриди баррасии пурра қарор дода шудааст. Исбот шудааст, ки шартномаи коллективӣ ҳамчун институти

ҳуқуқи меҳнат ва санади меъёрии ҳуқуқии дохилӣ (локалӣ) дар силсилаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мавқеи хоси худро дорад. Меъёру муқаррароти шартномаи коллективии мутобиқи қонунгузорӣ басташуда, барои ташкилот ҳатмӣ буда, вазъ ва ҳолати кормандонро дар қиёс бо муқаррароти тибқи қонун пешбинишуда коста карда наметавонад.

Дар боби сеюм «Суъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои вобаста ба ҷойгоҳи давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ, намояндагони кормандон дар шарикии иҷтимоӣ, намояндагони корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ ва таҳаввули нақши субъектҳои шарикии иҷтимоӣ дар шароити рақамикунонии соҳаи меҳнат таҳқиқ шудаанд. Дар ин бахши кор муаллиф масъалаи тарафҳои шарикии иҷтимоиро дар заминаи ҳуқуқи меҳнат муҳим арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки тарафҳои шарикии иҷтимоӣ кормандон ва корфармоён мебошанд, ки ҳамкории онҳо бо ёрии намояндагони ваколатдор сурат мегирад. Хулосаи муаллиф дар хусуси он ки намояндагон тарафҳои шарикӣ нестанд ва онҳо танҳо иштирокчиёни шарикӣ буда, аз номи кормандон ва корфармоён ва танҳо ба манфиати онҳо амал мекунанд, аҳамияти муҳими илмӣ дорад. Назари муаллиф дар бораи он ки давлат бо иҷрои нақши шарики муҳими иҷтимоӣ мавқеи худро «болотар аз ҷомеа» нигоҳ медорад, қобили таваҷҷуҳ буда, бо он асоснок мегардад, ки вазифаи асосии давлат дар танзими муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ, вазифаи миёнаравӣ, ҳамоҳангсозӣ ва мувофиқасозии манфиатҳо мебошад. Дар номгӯи вазифаҳои асосие, ки давлат дар низоми шарикии иҷтимоӣ иҷро мекунад, махсусан вазифаҳои ҳамоҳангсозии амал ва саъю кӯшиши муштараки шарикони иҷтимоӣ, мусолиҳаи тарафҳо, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ таъкид карда мешаванд. Табиист, ки чунин вазифаҳоро танҳо шарики махсусе иҷро карда метавонад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мавқеи бартариятнокро ишғол менамояд.

Дар ин қисмати кор ҳамчунин мақоми ҳуқуқии тарафҳои шарикии иҷтимоӣ дар муносибатҳои шарикии иҷтимоӣ таҳқиқ шудаанд. Муайян шудааст, ки бо назардошти меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат, танҳо мақомоти зайл метавонанд намояндагони манфиатҳои кормандон дар шарикии иҷтимоӣ бошанд: а) иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои онҳо ва дигар ташкилотҳои иттифоқҳои касаба, ки дар оинномаҳои иттифоқҳои касабаи умумиҷумҳуриявӣ ва байниминтақавӣ пешбинӣ шудаанд; б) дигар намояндаҳое, ки аз ҷониби кормандон дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси меҳнати ҶТ интихоб карда мешаванд. Пешниҳоди муаллиф дар

бораи ба моддаи 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани мафҳуми "Шӯрои коллективи меҳнатӣ" барои таҳкими пояҳои ҳуқуқии танзими шарикии иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

Муаллиф ошкор намудааст, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи иттиҳодияҳои корфармоён» дар маҷмуъ барои фаъолияти ин иттиҳодияҳо замина гузоштааст, принсипҳои умумии ин самтро муқаррар намудааст, аммо механизмҳои самаранокро барои таъмини намояндагии воқеии ин иттиҳодияҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин намекунад. Назари муаллиф дар хусуси интихоби намояндаи корфармоён дар шарикии иҷтимоӣ дар сатҳои соҳавӣ ва минтақавӣ аз руи меъёрҳои «иттиҳодияи намояндаи аксарият» қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳамчунин пешниҳод дар бораи бо таври ҳатмӣ бо корфармоён машварат намудани масъалаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи меҳнат ва дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар намудани он, қобили дастгирист. Дар ин бахши таҳқиқот муаллиф аз ҷониби Тоҷикистон тасдиқ намудани Конвенсияи Ташкилоти байналмилалии меҳнат №154 "Дар бораи мусоидат ба музокироти коллективӣ"-ро масъалагузорӣ менамояд, ки воқеан ҳам тадбири саривақтӣ буда, барои эҷоди чорчӯбаи иловагии ҳуқуқии байналмилалӣ дар шарикии иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, дар ин қисмати таҳқиқот муаллиф хусусияти ҳуқуқӣ, вазифаҳо ва нақшҳои субъектҳои шарикии иҷтимоиро дар шароити гузариш ба рақамикунонии соҳаи меҳнат таҳқиқ намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар ин бахш бешубҳа барои таҳияи хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо оид ба зарурати рафъи номутавозинии институтсионалӣ ва роҳҳои мутобиқ кардани нақшҳои субъектҳои шарикии иҷтимоӣ ба шароити нави иқтисоди рақамӣ мусоидат менамоянд Аз ҷумла, хулоса шудааст, ки рақамисозӣ моҳият ва рисолати шарикии иҷтимоиро аз байн намебарад, балки онро дигаргун мекунад. Муваффақиятҳои ин гузариш ва мутобиқшавӣ ба ин раванд аз қобилияти субъектҳои дахлдор барои гузаштан аз моделҳои анъанавӣ ва якҷоя ташаккул додани "шартномаи иҷтимоии рақамӣ"-и нав вобаста хоҳад буд. Пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати ба роҳ мондани таҳқиқоти илмӣ барои омӯхтани усулу воситаҳои мушаххаси танзимкунандаи иқтисоди платформавӣ муҳим буда, барои дар заминаи хулоса ва пешниҳодҳои асосноки илмӣ таҳия намудани созишномаҳо ва шартномаҳои соҳавии рақамии озмоишӣ дар бахшҳое, ки бештар ба рақамикунонӣ осебпазиранд, мусоидат менамоянд. Дефинитсияи «шартномаи коллективии рақамӣ», ки муаллиф пешниҳод

намудааст, барои истифода дар таҳқиқоти илмӣ дар ин самт, муҳокима ва баррасии он дар муколамаҳои шарикии иҷтимоӣ, инчунин истифодаи он ҳамчун заминаи консептуалии дастгоҳи мафҳумии қонунгузорӣ аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад.

Дар хулоса, муҳокима ва андешаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқи□от ҷамъбаст гардида, тавсияҳо барои истифодаи натиҷаҳои таҳқикоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд.

Аз таҳлили диссертатсия ба хулосае омадан мумкин аст, ки унвонҷӯ Музафарзода М.Ш. давоми фаъолияташ таҳқиқоти пурмаҳсули илмӣ анҷом дода, ба ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузоштааш расидааст. Нуктаҳои барои ҳимоя тавсиягардида далели ин гуфтаҳо мебошанд.

Назарҳои илмӣ, хулоса ва нуктаҳои навоваронаи дар таҳқиқоти Музафарзода М.Ш. пешниҳодшуда дар илми ҳуқуқи меҳнати ватанӣ андешаҳои нав мебошанд. Онҳо хусусияти танзими ҳуқуқии низоми шарикии иҷтимоии Тоҷикистонро дар шароити муосир инъикос намуда, самтҳои асосии рушди минбаъдаи онро ошкор менамоянд.

Унвонҷӯ аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ ва сарчашмаҳои муътамад ба таври фаровон истифода бурдааст, ки он имкон додааст, то ин ки хулосаҳои объективонаи илмӣ таҳия намояд.

Андешаҳои унвонҷӯ дар конфронсҳои илмӣ ва муҳокимаҳо, дар мақолаҳои илмии номбурда дар маҷаллаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки дар шакли тавсияҳо, хулосаҳо ва нуктаҳои ба ҳимоя тавсияшаванда манзур гардидаанд, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, метавон дар раванди омӯзиш ва пажӯҳиши масоил ва паҳлуҳои гуногуни соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи меҳнат, ҳамчунин дигар илмҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, ба монанди ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ ва ғ. истифода намуд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун сарчашмаи илмӣ имкон дорад, ки дар раванди таълими фани «Ҳуқуқи меҳнати ҶТ» ва курсҳои махсуси «Ҳуқуқи корпоративии ҶТ», ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд. Тавсияҳои дар натиҷаи пажӯҳиши масъалаи институти шарикии иҷтимоӣ бадастомадаро метавон дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар, ҳамзамон амалияи фаъолияти мақомотҳои дахлдор истифода кард.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Музафарзода М.Ш. дар шароити муосир таҳқиқоти комил, маҷмӯиву хотимаёфта буда, дорои навовариҳои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Хулоса**. Диссертатсияи Музафарзода М.Ш. дар мавзуи “Танзими ҳуқуқии шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» таҳқиқоти илмии мукаммал ба ҳисоб рафта, нуктаҳои асосии он бо далелҳои асоснок ва боэътимод ифода ёфтанд. Он ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгу буда, барои ҳимоя тавсия мегардад. Муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 5.5.5.-Ҳуқуқи меҳнат; ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ**, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, ходими калони шуъбаи
ҳуқуқи байналмилаии Институти
фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи
ба номи А. Баҳоваддинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Маҳмадуллозода Н.Р.
“2” 03 соли 2026
**Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Рудаки 19.
Тел: (992)-221-65-72, мобилӣ: (992) 777079888
**Почтаи электронӣ**: nurullo_m@mail.ru

Имзои Н.Р. Маҳмадуллозодаро **тасдиқ мекунам**:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ-и
АМИТ Абдураҳмонзода Б.

**Суроға:** 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33,
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АМИТ
Тел.: 2-21-56-89, факс: 2-21-56-89
**Почтаи электронӣ**: ifppanrt@gmail.com
**Сомонаи Интернетӣ**: https://www.ifppanrt.tj/tj/